**Паёми мавлудии**

**Патриархи Маскав ва тамоми Рус КИРИЛЛ**

**ба кашишҳои олимартаба, кашишҳо, роҳибон ва тамоми фарзандони боимони**

**Калисои Православии Рус**

**Ҳазрати кашишҳои олимартаба, падарони гиромиқадр, роҳибон ва роҳибаҳои маъсум, бародарон ва хоҳарони арҷманд!**

Ба ҳамаи шумо, ки дар кишварҳо, шаҳрҳо ва деҳоти гуногун зиста, аммо Калисои Воҳиди Православии Русро ташкил додаед, ман дар ин шаби қудсӣ рӯй оварда, ба муносибати ҷашни наҷотбахши гетӣ – Мавлуди Масеҳ самимона шодбош мегӯям. Шуморо, азизони ман, аз самими қалб дуруд гуфта, дуогӯён хостори онам, ки сурури маънавӣ аз ҳузури муштарак дар ин тантанаи бузург қалби ҳамаи моро саршор намояд ва аз базми дин, ҳамчун писарон ва духтарони Худованд ва *дӯстони Масеҳ* (Ин. 15, 15) шодком гардем.

Акнун асрори Мазҳари илоҳиро муроқиба карда, мо мехоҳем дарк намоем, ки маънии рӯйдодҳое, ки беш аз ду ҳазор сол пеш дар Байт-ул-лаҳм рух доданд, чист ва онҳо ба мо ва муосиронамон чӣ нисбате доранд.

Ҳавории муқаддас Павлус менависад: «*Вале ҳамин ки пуррагии замон даррасид, Худо Писари Худро фиристод, ки ӯ аз зан таваллуд ёфта, зери дасти шариат буд, то барои онҳое, ки зери дасти шариат буданд, фидия диҳад, то ки мо ба писарӣ қабул шавем*» (Ғалотиён, 4, 4-5). Пас, пешинаи ин пуррагии замон чӣ буд? Тамоми таърихи башарият то Мавлуди Масеҳ аслан таърихи ҷустуҷӯҳои Худованд аст, ки беҳтарин ақлҳо кӯшидаанд то фаҳманд, ки чӣ касе маншаи он неруи фавқ-ут-табиӣ мебошад, ки ҳар инсон ба ин ё он гуна ҳузури онро эҳсос менамояд.

Инсонҳо дар роҳи ҷустуҷӯи Худованд барои дарёфти ҳақ талош карда, ба ҳар гумроҳӣ афтодаанд. Аммо на тарси содалавҳонаи инсон аз ҳодисоти ваҳшатангези табиӣ, на парастиши неруҳои табиӣ, бутҳо ва гоҳҳо худ, ҳатто на ҳамон борикбиниҳои камшуморе, ки файласуфони бутпарастро илҳом бахшидаанд, инсонҳоро ба Худованди ҳақ наздик накарданд. Ва «*модоме ки ҷаҳон ба ҳикмати худ Худоро нашинохт*» (Қӯринтиён, 1, 21), Ӯ лутф кард то Худ ба назди одамиён фуруд ояд. Мо

бо чашмони маънавӣ *асрори бузурги порсоиро* муроқибат мекунем: Офаридгор шабеҳи офаридааш мегардад, табиати инсониро ба Худ мегирад, ба хорию зорӣ тоб меорад, дар болои салиб ҷон дода ва эҳё мегардад. Ҳамаи ин аз идроки одамӣ болотар аст ва муъҷизае мебошад, ки тамомии Вайҳи Худовандро дар бораи Худии Худ ба инсонҳо ифшо месозад.

Масеҳ зода шуд ва ҷаҳон умедвор гашт, Масеҳ зода шуд ва муҳаббат дар тӯли асрҳо ҳукмрон гардид, Масеҳ зода шуд ва само то замин сар фуруд овард, Масеҳ зода шуд ва ситораи Байт-ул-лаҳм роҳи ҳақро ба сӯи Худованд нишон медиҳад, Масеҳ зода шуд ва ҳеҷ кас ба тантанаи бадӣ дигар эътимод надорад, зеро ки мо *бо файз ба воситаи имон наҷот ёфтаем ва ин на аз мост, балки атои Худост* (Эфсӯсиён, 2,8).

Пайғамбар Ишаъё, ки зуҳури нузули Масеҳро мунтазир буд ва пешбинӣ мекард, хитоб мекунад: *«Худо бо мост!»* (Иш. 8, 10). Каломи лабрез аз маънавиёти худовандии ӯ то ба имрӯз ҳам сарчашмаи шодмонии ба сухан тасвирнашавандае барои миллионҳо масеҳиён мебошад. Парвардигор, ки дар Байт-ул-лаҳм зода шуд, дар қалбҳои мо таваллуд мегардад ва бо мо мебошад, агар мо садоқати худро ба Ӯ ва Калисои таъсиснамудаи Ӯ маҳфуз дорем. Ӯ бо мост, вақте мо кирдори нек анҷом медиҳем. Ӯ бо мост, вақте мо ба наздиконамон ёрӣ мерасонем. Ӯ бо мост, вақте мо ҳамдардиву дилсӯзӣ мекунем. Ӯ бо мост, вақте мо душманонро бо ҳам оштӣ медиҳем. Ӯ бо мост, вақте мо мебахшему бадиро фаромӯш мекунем. Ӯ бо мост, вақте мо саҷда мекунему дар Фарзҳои калисоӣ, хусусан дар Фарзи Шукргузорӣ, Ишоъи раббонӣ (Евхаристияи муқаддас) ширкат меварзем.

Ҷашни Мавлуди Масеҳ бароямон нуктаи асосиро бозгӯ мекунад: мо бояд дӯст доштани Худо ва хидмат кардан ба Ӯ, Наҷотдиҳандаи мо, ба Касеро, ки ин наҷотро ба ҳамаи мардумон то абад арзонӣ доштааст, ба касе, ки акнун ҳам оғӯши Худро ба ҳар кадоми мо боз кардааст, ёд гирем. Мо малакаи эҳтироми Худованд ва муҳтарамона истодан дар назди Ӯро ба даст оварда, дар баробари он, бо бурузи *имоне, ки бо муҳаббат амал мекунад* (Ғалотиён, 5, 6), ба наздиконамон хидмат карданро низ ёд мегирем.

Моро ҳам зарур аст корҳои андакеро анҷом диҳем – ба амали неъмати наҷотбахши Худованд бо фармонбардории худ, бо эътимоди худ ба каломи Парвардигор, бо майли худ ба иҷрои аҳкоми Ӯ посух гӯем. Агар мо ин ҳақиқати бузургро дарк намоем, онгоҳ на танҳо дар худи мо, балки дар атрофамон низ бисёр чизҳо тағйир мепазиранд. Мо метавонем

авлавияти арзишҳоямонро дуруст ҷо ба ҷо кунем, мо, Худоро мадҳу сипос гуфта, метавонем ба таври мусолиҳатомез, оромона ва бо боварӣ роҳи ҳаётеро, ки аз осмон бароямон таъин шудааст, сипарӣ намоем.

Барои ба ин ҳолати рӯҳӣ расидан мо бояд на аз рӯйи пурсишҳои ҷомеашиносӣ, балки чуноне ки ниёгони парҳезгори мо одамони бисёр боимон ва дӯстдорандагони Худованд буданд, бо имони амиқ ва тарзи зиндагии худ инсонҳои православӣ бошем. Дар байни чунин касон дароварандаи Рус ба насоро, баробарҳавории муқаддас ва князи бузург Владимир ҷойгоҳи хосеро ишғол менамояд. 1000-солагии даргузашти масъуди ӯро мо имсол қайд хоҳем кард. Мо марҳуни ӯ ҳастем, ки ҳомили унвони олии масеҳӣ мебошем ва дар маҷмӯъ хонаводаи ягонаи халқҳои бародари православӣ дар қаламрави Руси таърихиро ташкил мекунем. Чунин буд, чунин ҳаст ва чунин хоҳад буд. Ва ҳеҷ як изтиробу машаққат, ҳеҷ як неруи берунӣ наметавонанд ин пайвандҳои чандинасраи маънавӣ ва фарҳангии ворисони зарфи таъмиди киевиро барканад.

Дар ин рӯзҳои муқаддаси мавлудӣ намозҳои тамоми аҳли калисо ва намози хосаи ман дар бораи сулҳ дар сарзамини украинӣ мебошанд. Новобаста аз маҳалли зисти фарзандонам, назарҳо ё афзалиятҳои сиёсии онҳо, Калисои Православии Рус он рисолати муҳиммеро ба ҷо меорад, ки Худи Масеҳ ба Он (Мф, 5, 9) вогузор кардааст. Он тамоми имконотеро анҷом додааст ва медиҳад, ки одамонро бо ҳам оштӣ диҳад ва дар рафъ сохтани оқибатҳои душманӣ ба онҳо ёрӣ расонад.

Гуноҳ асоси ҳар рӯёрӯйӣ, адоват ва ҷудоиро ташкил медиҳад. Он, ба қавли ҳазрати Иустин Челийский, *«бо тамоми неруи худ як корро анҷом медиҳад: инсонро бехудо ва ноинсон мекунад»* (ҳ. Иустин (Попович), Вартаҳои фалсафӣ). Ва мо мебинем, инсоне, ки қадру қиммати атокардаи Худовандро аз даст додааст, баъзан дар чӣ ҳолати дӯзахиёнае қарор мегирад.

Вале калисо аз номи Худо, ҳамеша ба инсонҳо *муждаи бузурге* (Луқо, 2, 10)-ро дар бораи мавлуди Наҷотдиҳанда расонда, тамоми бандагони хокиро даъват менамояд то имон оваранд ва тағйири рӯ ба беҳӣ кунанд. Он роҳи боло рафтан: аз худоҷӯйӣ – ба идроки Худо, аз идроки Худо – ба омезиш бо Худо, аз омезиш бо Худо – ба шабеҳшавӣ ба Худоро пешниҳод менамояд. Ҳазрати Афанасийи Кабир, ки дар асри IV дар Искандария зистааст, ҳадафи вуруди Наҷотдиҳандаро ба дунё бо суханони хеле олӣ баён кардааст: *«Худо инсон шуд, то инсон худо шавад»*. На аз рӯйи табиати худ, балки аз рӯйи неъмати Худовандӣ. Тамоми таҷрибаи чандинасраи Калисо гувоҳӣ медиҳад: дигаргунии воқеӣ,

худогуна шудан ба воситаи амали баракат аз тариқи ҳамкории ихтиёрии Худованд ва инсон ба амал меояд. Ва он бо меҳнат, тобеият ба Офаридгор, на балки пазируфтани васвасаи беҳудуди иблис, ки ба ниёгонамон лаззат бурдан аз дарахти маърифати хайру шарр ва ҳамон дам *монанди Худо* (Ҳастӣ, 3,5) шуданро пешниҳод карда буд, ба даст меояд. Ҳар он кас, ки аз рӯйи имон зиндагӣ мекунад, медонад, ки маҳз имон ӯро ба корнамоию меҳнат ба шарафи Худованд ва бар нафъи наздикон илҳом мебахшад.

Якояки шуморо бо ҷашни бузурги Мавлуди Масеҳ ва Соли нав табрик карда, мехоҳам аз дилу ҷон бароятон саломатӣ, сулҳ, некрӯзӣ ва кумаки фаровони самовотӣ дар ҳаракати бемонеа аз дунболи Парвардигор ва Наҷотдиҳандаи мо таманно намоям.

*Худои ҳар файз, ки моро ба ҷалоли абадии Худ дар Исои Масеҳ даъват намудааст, Худ… шуморо комил, устувор, қавӣ ва матин хоҳад кард. Ӯро ҷалол ва салтанат то абад бод. Омин* (1 Петрус 5, 10-11).

**ПАТРИАРХИ МАСКАВ ВА ТАМОМИ РУС**

*Маскав,*

*Мавлуди Масеҳ,*

*Соли 2014/2015.*